آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

17 декабри соли 2025
Чоршанбе
№ 101
(15216)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ТОШКАНД БА МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ БАЛАНД ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

**Президент Шавкат Мирзиёев бо мақсади шиносоӣ бо чараёни ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва муайян намудани вазифаҳои афзалиятнок барои оянда бо иштироки фаъолон 16 декабр ба ноҳияи Юнусободи пойтахт ташриф овард.**





Нахуст роҳбари давлат бо фаъолияти неругоҳи иқтидораш баланди когенератсионӣ, ки дар ноҳияи Юнусобод бунёд шудааст, шинос шуд.

Бо мақсади таъмини устувор ва бефосилаи аҳолӣ ва объектҳои иқтисодии пойтахт бо энергияи гармӣ дар мавсими зимистон, як қатор дастгоҳҳои муосири когенератсионӣ, ки дар як вақт неруи барқ ва гармӣ истеҳсол мекунанд, ба кор даровarda мешаванд.

Лоиҳаи мазкур, ки дар ҳудуди маркази гармидиҳии 4-уми ноҳияи Юнусобод дар асоси шарикии давлативу хусусӣ амалӣ гардидааст ва дорои иқтидори 100 МВт мебошад, яке аз чунин ташаббусҳои муҳим ба шумор меравад.

Ин лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ширкати «CNTIC»-и Чин татбиқ гардида, дар масоҳати 3,5 гектар ҷойгир аст. Барои маблағгузории он 65 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардидааст.

Сарвари давлат бо ҷараёни кори марказ шинос шуд. Дар иншооти когенератсионӣ 70 адад таҷҳизоти газ-поршении ширкати «Rolls-Royce»-и Британияи Кабир насб гардидааст.

Инфрасохтори таъминоти гармӣ аз дегхонаҳо то истеъмолкунандагон пурра бозсозӣ шуд. Шабакаҳои асосии гармӣ нав гардида, қубурҳои изолятсияшуда иваз карда шуданд. Ин барои пешгирии талафоти энергия дар сатҳҳои гуногун мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи ба кор даромадани марказ, соле 876 миллион киловатт-соат неруи барқ ва 858 ҳазор гигакалория энергияи гармӣ истеҳсол мешавад. Ҳамзамон, соле 35 миллион метри мукааб гази табиӣ сарфа мегардад.

Минбаъд ҷамъ 1 ҳазору 846 объект, ки дар ноҳияҳои Юнусобод, Олмазор, Шайхонтаҳур, Мирзо Улуғбек ва Яккасаройи пойтахт ҷойгиранд, бо гармии доимӣ таъмин карда мешаванд. Аз онҳо 1 ҳазору 400 адад хонаҳои истиқоматии аҳолӣ буда, қисми боқимонда объектҳои соҳаи иҷтимоӣ мебошанд.

Инчунин, ба 292 ҳазор хонавода бо неруи барқ ба таври устувор таъмин мегарданд.

Баробари ба кор шурӯъ кардани лоиҳа хароҷот барои истеҳсоли энергияи гармӣ 40–45 фоиз коҳиш меёбад. Ҳаҷми партовҳои моддаҳои ифлоскунандае, ки ба атмосфера хориҷ мешаванд, ба таври назаррас кам гардида, обҳои партов аз байн меравад.

Дар ҳамин ҷо Президент бо корҳое, ки ҷиҳати омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон амалӣ гардидаанд, пешниҳодҳо оид ба рушди марказҳои гармидиҳӣ, навсозии Неругоҳи барқи гармидиҳии Тошканд, такмил додани корҳои ободонӣ дар пойтахт, инчунин муаррифии тақсимоти қувва ва воситаҳое, ки дар шароити сардиҳои ғайримуқаррарӣ ҷалб мешаванд, шинос гардид.

Дар пойтахт 11 ҳазору 630 бинои бисёрошёна мавҷуд аст. Ба онҳо 358 ширкати идоракунии сервисӣ хидмат мерасонанд. Сарвари давлат ба сатҳи омодагии онҳо ба мавсим таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

– Дар шароити шаҳр фаъолияти ширкатҳои идоракунии сервисӣ бо ҳаёти аҳолӣ вобастагии узвӣ дорад. Аз ин рӯ, онҳо бояд чун механизми соат дақиқ ва бефосила кор кунанд. Барои ин шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Акнун ҷаҳонбинӣ ва муносибати кормандони соҳа низ бояд тағйир ёбад. Аз аҳволи аҳолӣ хабар гирифта, бояд қисми таҳхона ва боми биноҳои бисёрошёна, роҳрав ва майдончаҳои бозӣ бо тартиб нигоҳ дошта шаванд, – гуфт Президент.

Инчунин, ба масъулони шабакаҳои энергетика, ободонӣ, сохтмон ва хидматрасонӣ супориш дода шуд, ки дар тӯли мавсим бонизом ва ҳамоҳанг фаъолият намоянд.

Президент Шавкат Мирзиёев ба маркази савдо, хидматрасонӣ ва тиҷоратии «Юнусобод галереяси», воқеъ дар ноҳияи Юнусобод ташриф овард.

Дар ин маҷмааи бузург, ки дувуним гектар масоҳат дорад, зиёда аз 53 ҳазор метри мураббаъ майдонҳои савдо ва тиҷоратӣ ташкил шудааст. Аз ҳисоби 14 миллион доллар сармояи хориҷӣ як қатор брендҳои хориҷӣ фаъолияти худро роҳандозӣ намудаанд.

Дар маҷмӯъ, дар ин маҷмаа беш аз 100 нуқтаи савдо боз гардида, қариб 500 ҷойи корӣ таъсис ёфтааст. Солона аз ин марказ боздид ба амал овардани қариб 2,5 миллион нафар дар назар аст.

Арзиши лоиҳаи маҷмаа 43 миллион долларро ташкил дода, ҳалли меъморӣ ва ороиши он дар озмуни байналмилалии меъморӣ миёни давлатҳои ИДМ, ки соли ҷорӣ баргузор гардид, мақоми аввалро соҳиб шудааст.

Президент дар дӯкони китоб, ки дар ин ҷо ифтитоҳ ёфтааст, бо намояндагони нашриётҳо ва ҷавонони китобхон суҳбат анҷом дод.

Зарурати рушди фурӯши китоб, умуман аҳамияти густариши васеи фарҳанги мутолиа аз овони кӯдакӣ, инчунин, васеъ намудани нашри адабиёти илмӣ ва бадеӣ, таҳияи чорабиниҳо, ки ба дастгирии нашриётҳо дар ин самт нигаронида шудаанд, таъкид гардид.

Бо фаъолони пойтахт, пиронсолон ва ҷавонон суҳбати самимӣ баргузор шуд.

— Натиҷаҳое, ки дар тамоми соҳаҳо ба даст меоянд, пеш аз ҳама, самараи оромии кишвар ва ҳамҷиҳатии мардум мебошад. Пойтахти мо рӯз то рӯз ободу зеботар мегардад. Инро меҳмононе, ки аз хориҷ меоянд, низ алоҳида эътироф мекунанд. Ваҳдат хеле муҳим аст. Решаи он, пеш аз ҳама, дар маҳаллаҳост. Баҳои одилонаро низ худи мардум дар ҳамин маҳалла медиҳанд. Аз ин рӯ, мо корҳоеро, ки ба ризомандии мардум нигаронида шудаанд, аз поёнтарин зина оғоз кардем, — гуфт Президент.

Дар доираи ташриф ба марказ, ба Сарвари давлат фаъолияти ширкати IT-и «Unicon-Soft», ки дар ҳамин ҷо кор мебарад, муаррифӣ гардид.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.3).**

***Соли чаҳорум аст, ки дар кишварамон бо ташаббуси Президент лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» амалӣ мегардад. Мақсад аз татбиқи ин лоиҳа сарсабзу обод кардани кӯчаҳо, барпо намудани боғҳои нав, азхуд намудани заминҳои бекорхобида мебошад. Ин амали нек барои тоза намудани ҳаво низ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, захираҳои фаровони хӯроквoрӣ рӯёнида мешавад. Имрӯзҳо ин ташаббус дар ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ низ идома дорад.***

## БОҒИ РАСТАНИҲОИ ГАЛОФИТ ТАЪСИС МЕЁБАД

Бо мақсади таъмини иҷрои Қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Навоӣ» дар минтақаҳои вилоят корҳои ниҳолшинонӣ босуръат идома дорад.

Хусусан, дар доираи лоиҳаи умуммиллии «Макони сабз», бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологӣ дар маҳаллаҳо кормандони Садорати бюрои иҷрои ҳатмӣ ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо ниҳолшинонӣ менамоянд. Аз ҷумла дар ҳудуди маҳаллаи «Сардоба»-и ноҳияи Кармана дар майдони 1,5 гектар ниҳолҳои ба иқлими маҳал мутобиқ шинонида шуданд.

Ҳамчунин, дар ҳамин маҳаллаи ноҳия боғи растаниҳои галофит ташкил карда шуд. Ҳокими ноҳияи Кармана Шоҳрух Болтаев аз маҳалла дидан намуда, бо рафти корҳои таъсиси боғи растаниҳои галофит шинос шуд.

Калимаи галофит маънои «намак» ва «растанӣ»-ро дорад, яъне растании дар замини шӯр сабзанда. Ҳамчунин, бо олимони чинӣ, ки дар боғ ҳузур доштанд, мулоқот карда, оид ба парвариш, тадқиқоти илмӣ ва мубодилаи таҷриба дар самти парвариши растаниҳои галофит сӯҳбат кард. Ҳокими ноҳия муҳиммияти барқарорсозии экологӣ ва густариши минтақаҳои сабзро таъкид намуда, омодагии худро барои идомаи ҳамкориҳои минбаъда изҳор намуд.

Лоиҳаи мазкур бо маблағгузории 1,75 миллиард сӯм татбиқ шуда, дар масоҳати 10 гектар растаниҳои галофит парвариш хоҳад шуд. Ташкили чунин боғҳо ба беҳтар намудани муҳити экологӣ, азхудкунии дубораи заминҳои шӯр ва истифодаи самараноки захираҳои замин равона шудааст. Ин ташаббус имкон медиҳад, ки тавассути парвариши растаниҳои ба намак тобовар ҳосилхезии хок барқарор гардида, манзараи табиӣ беҳтар мешавад.

Лоиҳа дорои аҳамияти иқтисодӣ низ мебошад. Майдонҳои галофит метавонанд барои чорводорӣ ҳамчун пойгоҳи иловагии хӯрока хидмат кунанд ва заминҳои корношоям истифода шаванд. Ба ин васила, дар ноҳия имкониятҳои нави рушди устувор фароҳам мегардад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Самараи ислоҳот*

## ОЁ РЕШАКАН КАРДАНИ КАМБИЗОАТӢ ИМКОНПАЗИР АСТ?



Ҳоло масъалаи коҳиши камбизоатӣ ба яке аз самтҳои калидии ислоҳоти кишвари соҳибистиқлоли мо табдил ёфта, ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Бар асоси ҳадафгузориҳои стратегӣ пешбинӣ мегардад, ки ин мушкил то соли 2030 ба таври комил ҳал гардида, зиндагии шоиставу шукуфони аҳолӣ дар саросари кишвар таъмин карда шавад. Зеро таҳти раҳнамоии Сарвари давлат тамоми саъю талошҳо ба фароҳам овардани шароити созгору муносиб барои ҳар як шаҳрванди мамлакат равона шудаанд.

***Дар Ӯзбекистони Нав ислоҳоти васеъмиқёс ҷараён дошта, коҳиши камбизоатӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Натиҷаҳо низ умедбахшанд: сатҳи камбизоатӣ дар кишвар тайи солҳои охир аз 35 то 6 фоиз коҳиш ёфта, самаранокии сиёсати татбиқшавандаи Президенти мамлакатро ба таври возеҳ инъикос менамоянд.***

Дарвоқеъ, Президент Шавкат Мирзиёев зимни суханронӣ дар Форуми III байналмилалии «Аз камбизоатӣ – ба сӯи шукуфоӣ», ки 17 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Намангон баргузор гардид, таъкид намуд:

«Ба шарофати ислоҳоти пайваста 7,5 миллион нафар аз камбизоатӣ раҳоӣ ёфтанд. Омили муҳими ин дастовард афзоиши дукаратаи иқтисоди кишвар дар солҳои охир мебошад. Интизор меравад, ки то поёни соли ҷорӣ даромад ба ҳар сари аҳолӣ ба 3,5 ҳазор доллар мерасад. Бо омӯзиши ташаббусҳои нав, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва татбиқи роҳҳои самаранок, модели нави Ӯзбекистон барои коҳиши камбизоатӣ ташаккул ёфт».

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# САБЗ БОДО, «МАКОНИ САБЗ»!

Дар Ўзбекистони азизи мо солҳои охир бо ташаббуси Президент лоиҳаи бузургмиқёси умумимиллии «Макони сабз» татбиқ мегардад, ки мақсад аз он тавассути нишондану парвариш кардани дарахтони мевадеҳу сояафкан ба ҳудуди воқеан сарсабзу хуррам табдил додани шаҳру деҳот, кўчаву хиёбону майдонҳо ва беҳтар кардани вазъи экологии мамлакат аст. Маъракаи ниҳолшинонӣ, ки асосан охири тирамоҳ ва аввали баҳор сурат мегирад, дар муассисаҳои таълимӣ низ идома дорад.

Аз ҷумла, дар ҳудуди қариб 2 гектар қитъаи замини ноободи мактаби мо «Макони сабз» бунёд карда шуд.

Дар ин кори хайру пурсавоб, ки заҳмати зиёдеро тақозо дошт, бо дастгирии сардори шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Тоҷиддин Ўзбеков тамоми муассисаҳои таълимии ноҳия ҷалб гардиданд. Тўли чаҳор рўзи охир тақрибан аз тамоми мактабу муассисаҳои томактабии ноҳия мудирони хоҷагӣ ва кормандони онҳо омада, замини аз беобӣ сахту шўразорро аз хору хасу хошок тоза ва нарму ҳамвор карданд. Ҷойҳое, ки бояд ниҳол шинонида шавад, кофтаву нарм карда шуданд. Идораи хоҷагии ҷангали ноҳия зиёда аз ҳазор бех ниҳоли анор ва шафтолу дод.

Алҳол майдони васеи шафати варзишгоҳи мактаб, ки солҳо нообод буд, обод шуд. Дар ҳамин ҷо барои сад нафар ҷойи нишаст омода гардида, ба иштирокдорони ҳашар оши палав низ пешкаш гардид. Суруду оҳангҳо ба ҳашариён завқ бахшиданд. Ҷонишини ҳокими ноҳия Акрам Шукуров, сарвари шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Тоҷиддин Ўзбеков дар бораи лоиҳа, мақсади баргузории он сухан гуфта, аз иштирокдорони ҳашар – раҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва мудирони хоҷагӣ хоҳиш карданд, ки ба тарзи дуруст нишондани ниҳолҳо эътибор диҳанд.

– Дарахт шинонидану сабз кардани он аз ҷумлаи корҳои савоб аст, кори савобро бошад, ҳар кас бояд ҳар рўз бикунад, – гуфт ҷонишини ҳоким.

Аз ҷониби шўъбаи Агентии кор бо ҷавонон дар ноҳия ба аксар иштирокдорони ҳашар камзўлҳои махсуси сабз дода шуд ва пасон ҳама сарҷамъона ба ниҳолшинонӣ оғоз карданд. Дар муддати кўтоҳ қариб ҳазор адад ниҳоли анору шафтолу шинонида шуд. Қарор гардид, ки аз хоҷагии оби ноҳия барои аз чоҳи артезиании мактаб бо усули қатрагӣ обёрӣ кардани боғи навбунёд иҷозат гирифта, онро дар зудтарин фурсат амалӣ мекунанд.

Банда ҳамчун сарвари таълимгоҳ аз номи худ ва аҳли ҷамоаамон ба ҳамаи раҳбарони муассисаҳои таълимии ноҳия, ки дар бунёди боғи нави мактаб дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» саҳм гирифтанд, самимона миннатдорӣ изҳор мекунам.

**Турдикул ҲАСРАТОВ,**
**директори мактаби ҳамагонии рақами 83-юми ноҳияи Сариосиё.**

# ТАҶЛИЛИ РЎЗИ КОРМАНДОНИ ХОҶАГИИ ДЕҲОТ

***Ба муносибати Рўзи кормандони хоҷагии қишлоқ, ки ҳар сол якшанбеи дуюми моҳи декабр дар кишвар ҷашн гирифта мешавад, дар вилояти Сурхондарё чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов намояндагони соҳаи аграриро бо иди касбиашон самимона табрик гуфт ва саҳми арзандаи онҳоро дар рушди иқтисодиёти минтақа ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифати озуқаворӣ алоҳида таъкид намуд.

Қайд гардид, ки дар соли ҷорӣ ба шарофати меҳнати фидокоронаи кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ дар вилоят 820,7 ҳазор тонна ғалла, 291,1 ҳазор тонна пахта, 2,3 ҳазор тонна пилла, 2 миллиону 311 ҳазор тонна меваву сабзавот, 226,8 ҳазор тонна гўшт, зиёда аз 1 миллион тонна шир ва 610,5 миллион дона тухм истеҳсол карда шудааст. Инчунин таъкид шуд, ки васеъ ҷорӣ гардидани равишҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадами хориҷӣ омили муҳими афзоиши ҳосилнокӣ гардид.

Дастовардҳо баҳои баланд гирифта, мутобиқи фармони Президент 8 нафар деҳқон ва кишоварзи фидоии вилоят бо унвонҳои олии фахрӣ, ордену медалҳо қадрдонӣ шуданд.

Ҳамчунин дар ҷараёни чорабинӣ ба фермерон, деҳқонон ва соҳибони пешқадами қитъаҳои наздиҳавлӣ тахти номинатсияҳои «Фермери пешқадам», «Деҳқони меҳнаткаш», «Соҳиби замини намунавӣ» нишони сарисинагии «Фидоии хоҷагии қишлоқ» ва «Аълочии хоҷагии об», инчунин ифтихорномаҳои ҳокими вилоят ва тухфаҳои хотиравӣ ботантана супорида шуд.

Чорабинии идона бо барномаи консертии ҳунармандони шинохта, дар атрофи дасторхони пурнозу неъмат идома ёфт.

**Сурайё НОРМАНӢ,**
*вилояти Сурхондарё.*

*18 декабр – Рўзи байналмилалии муҳоҷирон*

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ: ПАЙДОИШ, МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

***Таърихи пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ хеле қадимист, вале миқёси он дар марҳилаи кунунӣ ва нақши он дар таъминсозии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба таври бесобиқа афзудааст. Тибқи маълумоти СММ дар ҷаҳон тақрибан 281 миллион муҳоҷири байналмилалӣ ҳастанд, ки 3,6 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Бонки ҷаҳонӣ таъкид мекунад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ – агар дуруст идора карда шавад, ҳам барои кишварҳои фиристанда ва ҳам қабулкунанда метавонад манбаи қавии фаровонӣ ва рушд бошад. Қайд мешавад, ки ҳаҷми пулфиристониҳо дар ҷаҳон ба 831 миллиард доллар расидааст. Ин миқдор аз ҳаҷми кўмаки расмӣ ба кишварҳои рў ба рушд ва ҳам аз сармоягузории мустақими хориҷӣ зиёдтар аст.***



Дар Ўзбекистон низ, бо такя ба маълумоти Бонки марказӣ, соли 2023 сармоягузории мустақими хориҷӣ 7,2 миллиард, пулфиристонӣ 11,4 миллиард долларро ташкил додаанд. Ин нишондиҳандаҳо нақши муҳоҷиратро дар дастгирии иқтисод ва беҳбуди некуаҳволии аҳолӣ равшантар мекунад.

Тибқи маълумоти Бонки марказӣ, дар моҳҳои январ-октябри соли 2024 ҳаҷми пулфиристонӣ ба кишвар 12,6 миллиард долларро ташкил додааст. Маблағи фиристодаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар даҳ моҳи соли 2025 ба 15,8 миллиард доллар афзудааст. Ҳаҷми пулфиристонӣ аз Русия 35 фоиз афзуда, ба 9,8 миллиард доллар расидаанд. Аммо ҳиссаашон то 78 фоиз поин рафтааст, зеро пеш аз оғози низоъ дар Украина 90 фоиз буд.

**Сабабҳои пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ**

Таҷрибаи кишварҳое, ки аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигар гузаштаанд, нишон медиҳад, ки дар чунин гузариш дар муносибатҳои истеҳсолӣ тағйироти амиқ ногузир аст ва ин раванд одатан бо душвориҳо ва талафот мегузарад. Муносибатҳои меҳнатӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ доранд ва маҳз онҳо нисбати дигар соҳаҳо тағйироти гузаришро бештар эҳсос мекунанд.

Дар Ўзбекистон низ ислоҳоти иқтисодӣ ба пайдоиши бекорӣ ҳамчун падидаи хоси иқтисодиёти бозорӣ сабаб гардид. Ҳазорон, балки миллионҳо нафар бекор монданд, манбаи даромадашон қатъ гардид. Низоми таълимии касбӣ низ ба талаботи қатъии иқтисоди бозорӣ ҳанўз мутобиқ нашуда буд. Дар натиҷа байни пешниҳоди қувваи корӣ ва талаб ба он номувозинатӣ ба миён омад ва бо амиқтар шудани ислоҳот ин мушкилот бештар гардид. Барои онҳое, ки манбаи ягонаи даромади оила маош буд, ин вазъият фоҷиавӣ шуд ва маҷбур кард роҳҳои дигарро барои таъмин намудани зиндагӣ биҷўянд.

Камии музди меҳнат ва зиёд будани шумораи аъзои оила, сиёсати "шуғли сунъӣ", ки музди меҳнатро паст нигоҳ медошт, барҳам хўрдани робитаҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳо ва коҳиши фаъолияти корхонаҳои калон, вазъи душвори демографӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, коҳиши ҳаҷми истеҳсолот дар давраи гузариш, тағйироти сохтории иқтисодиёт ва ғайра омилҳои асосии ин воқеъият шуданд.

Тибқи маълумот (ҳолати то декабри соли 2023) миқдори шаҳрвандони Ўзбекистон, ки ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафтаанд, тақрибан 2 миллионро ташкил додааст, ки 1 452 300 нафари онҳо мард (72,4 фоиз) ва 547 700 нафарашон зан (27,6 фоиз) мебошанд.

**Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ**

Албатта, барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар осон нест. Баъзеи онҳо роҳи қонуниро пайдо накарда, ба миёнаравон мурожиат мекунанд ва ин хавфи муҳоҷирати меҳнатии ғайриқонунӣ имконияти истисмор ва савдои одамро зиёд мекунад. Бисёр одамон дар кишварҳои қабулкунанда бо шароити вазнини кор, меҳнати маҷбурӣ, маҳдудияти ҳуқуқ, маҳдуд будани дастрасӣ ба хидматрасониҳои таълим ва тандурустӣ рў ба рў мешаванд.

Ба иттилооти Созмони байналмилалии меҳнат, бо вуҷуди талошҳо дар соли 2023 танҳо 38,4 ҳазор, яъне 16,5 фоизи муҳоҷирон аз шабакаҳои қонунии ҷойгиркунии кор истифода бурдаанд. Ҳолатҳои истисмор асосан дар Русия, Туркия, Қазоқистон, АМА қайд гардидаанд. Соли 2023 дар ҷаҳон 8565 нафар муҳоҷирон ҳалок шудаанд. Дар мавриди Ўзбекистон, бо таъкиди ниҳодҳои масъул, танҳо соли 2020 ҷасади зиёда аз 200 нафаре, ки дар хориҷ бинобар ҳодисаҳои нохуш фавтидаанд, ба ватан баргардонда шудаанд.

Воқеияти дигар: монеаи забонӣ ва норасоии таҷрибаи касбӣ бисёр муҳоҷиронро ба соҳаҳои каммузд меафканад. Аз ин рў аксар муҳоҷирони мо дар соҳаи сохтмон ва дар шароити вазнин кор мекунанд.

Ба мақсади пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва такмил додани масоили ташкилӣ ва фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар 12 ноябри соли 2003 қарори Девони Вазирон қабул гардид, ки он ба Агентии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ асос гузошт. Мувофиқи фармони Президент ба фаъолияти Агентии муҳоҷирати меҳнати хориҷӣ хотима дода шуда, дар назди Девони Вазирон Агентии муҳоҷират таъсис гардид ва дар заминаи он Хазинаи муҳоҷират ташкил ёфт.

Имрўз ҳам сиёсати давлатии Ўзбекистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ки он солҳо зери фишори вазъияти шадид ва бо шитоб ташаккул ёфта буд, ба талаботи замон ҷавобгў нест. Пеш аз ҳама, он ба моҳият ва мазмуни стратегияи "Ўзбекистони Нав" оид ба рушди иқтисоди миллӣ мувофиқат намекунад. Дар тўли беш аз 30 сол вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт. Имкониятҳои нави ҳалли масъалаҳои бекорӣ ва шуғл пайдо шуданд, доираи натиҷаҳое, ки аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст овардан мумкин аст, васеъ гардид.

Алҳол дар маркази ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ бахшҳои Агентии муҳоҷират таъсис ёфтаанд, аз ҷумла дар вилояти Навоӣ. Чун ин ниҳодҳо филиалҳои Агентии муҳоҷират дар назди Девони Вазирон мебошанд, вазифа ва ўҳдадориҳои ин муассисаҳои давлатӣ мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои агентӣ рўйи кор меоянд.

**Ҳалли мушкилот дар мисоли вилояти Навоӣ**

– Солҳои охир чун дар тамоми кишвар дар вилояти Навоӣ низ соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бо суръат рушд карда, ба омили муҳими рушди иқтисодиёт ва таъмин намудани шуғли аҳолӣ табдил меёбад. Дастгирии шаҳрвандоне, ки нияти кор дар хориҷ доранд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамоно аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат боқӣ мемонад. Бо мақсади дастгирии фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон як қатор имтиёзҳои иҷтимоӣ ва молиявӣ татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи ройгон фаро гирифта мешаванд. Метавонанд аз курсҳои ройгони касбу ҳунар ва омўзиши забонҳои хориҷӣ истифода баранд. Барои хароҷоти чиптаи роҳ, раводид (виза) ва сертификатҳо ҷуброн гиранд. Ҳамчунин, низоми микрокредитҳо то ба 10 миллион сўм роҳандозӣ шудааст,– мегўяд роҳбари филиали Агентии муҳоҷирати меҳнатии хориҷи вилоят Исмат Болтаев.

Ба шаҳрвандони мо дар хориҷ аз давлат кўмакҳои ҳуқуқиву тиббӣ, дастгирии моддӣ, инчунин ҷуброни бозгашт фароҳам оварда шудаанд.

Дар вилоят ҳамкориҳои байналмилалӣ густариш меёбанд. Аз ҷумла, бо ширкати швейтсарии "GLOBOGATE concpt AG" дар заминаи техникуми тиббии ба номи Абўалӣ ибни Сино кушодани бахши "Академияи тиббии Олмон" аз дастовардҳои муҳим хоҳад буд. Аз тариқи он ба 50 нафар донишҷў оид ба ҳамширагӣ таълим дода шуда, онҳо дар Олмон бо кор таъмин мегарданд.

Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо ҳамин ширкат, шахсоне, ки дар самтҳои "ҳамширагӣ" ва "табобатӣ" маълумот ва дар ин соҳа на камтар аз се сол таҷрибаи корӣ доранд, ба курсҳои ройгони 8-10 моҳаи омўзиши забони олмонӣ ҷалб ва минбаъд барои кор ба Олмон фиристода мешаванд. Дар оянда мо ният дорем ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ боз ҳам густариш диҳем, имкониятҳои баромадан ба кишварҳои Аврупоро зиёд кунем, "Мактаби кафшергарон"-ро ташкил намоем ва ҳамкориро бо грантҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукумати тақвият бахшем, – мегўяд Исмат Болтаев.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ОЁ РЕШАКАН КАРДАНИ КАМБИЗОАТӢ ИМКОНПАЗИР АСТ?

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Маҳз татбиқи ин модел имкон фароҳам овард, ки хонаводаҳои камбизоат ва ниёзманд тадриҷан ба қишри аҳолии дорои сатҳи зиндагии миёна ворид шаванд. Имрўз бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи Ўзбекистонро дар ин самт қобили қабул арзёбӣ мекунанд. Зеро кишварҳое, ки сатҳи камбизоатиро ба таври назаррас коҳиш додаанд, хеле каманд. Ин эътироф натиҷаи сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Президенти мамлакат мебошад.

Тибқи маълумоти Хадамоти матбуоти Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғл, то 1 ноябри соли 2025 ҷамъ 1 миллиону 540 ҳазор оила мавриди пурсиш қарор гирифта, аз онҳо 717 ҳазор оила (тақрибан 3 миллион нафар) ба «Феҳристи оилаҳои камбизоат» шомил шудаанд. Дар моҳҳои январ-ноябр ба 463 ҳазор оила ё қариб 2,01 миллион нафар дар асоси «нақшаҳои инфиродӣ», ки барои раҳоӣ аз камбизоатӣ нигаронда шудаанд, 791 ҳазор корҳои хидматрасонӣ сурат гирифтааст.

– Аз ин шумора 323 ҳазор нафар бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин шуданд, 124 ҳазор нафар аз кредит ва субсидияҳо баҳраманд гардиданд, 296 ҳазор нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб шуданд ва 48 ҳазор нафар дар курсҳои омўзиши касбӣ соҳиби ихтисос гаштанд, – гуфт котиби матбуоти вазорат Гулноза Алимова.

Ба гуфтаи ў, дар моҳҳои январ–октябр 311 ҳазор оилаи камбизоат, дар умум 1,3 миллион нафар бинобар беҳтар гардидани даромади расмӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аз феҳрасти камбизоатӣ хориҷ карда шуданд. Ҳамзамон, дар натиҷаи тадбирҳои «хонаводагӣ» даромади чунин оилаҳо афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, шумораи оилаҳое, ки даромади расмӣ надоранд, 131 ҳазор нафар кам шуда, айни ҳол 102 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

– Саҳми оилаҳое, ки ба феҳристи



камбизоатон дохил шудаанд, аз 43 фоиз то 23 фоиз коҳиш ёфт, – афзуд Г. Алимова. – Ин нишондиҳанда далели равшани самаранокии тадбирҳои андешидашуда мебошад.

Бояд гуфт, ки татбиқи чунин барномаҳо бидуни маблағгузории кофӣ ғайриимкон аст. Бо ҳамин мақсад, дар доираи барномаи коҳиши камбизоатӣ барои 1024 маҳаллаи дорои тоифаи «душвор» аз буҷети ҷумҳурӣ 3,2 триллион сўм ҷудо гардидааст, ки он асосан ба беҳтарсозии инфрасохтор равона шудааст. Назорати истифодаи самараноки ин маблағҳо ба зиммаи Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғл вогузор гардидааст.

Яке аз омилҳои муҳими коҳиши камбизоатӣ сохтмон ва таҷдиди шабакаҳои обёрӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи барнома ба маблағи 1 триллиону 394 миллиард сўм 450 насоси обёрӣ, 862 чоҳи амудӣ ва 2629 километр шабакаи обёрӣ сохта ё навсозӣ шуданд. Дар натиҷа, дар 77,5 ҳазор гектар замини кишоварзӣ, ки ба 467 ҳазор хоҷагӣ (2,3 миллион нафар) тааллуқ доранд, имконияти обёрӣ фароҳам гардиданд.

Ногуфта намонад, ки шабакаҳои обёрӣ бидуни таъминоти устувори барқ фаъол буда наметавонанд. Аз ин рў, айни замон лоиҳае мавриди татбиқ қарор дорад, ки маҳз ба таъмини устувории барқ ихтисос ёфтааст.

Тибқи маълумоти котиби матбуоти вазорат, барои лоиҳаҳои вобаста ба таъминоти барқ дар ноҳияҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва дигар вилоятҳои кишвар 928 миллиард сўм ҷудо гардидааст. Дар доираи ин лоиҳаҳо то имрўз 1745 трансформатор, 129 ҳазор сутуни такягоҳ ва 4533 километр шабакаҳои барқ бунёду азнавсозӣ шудаанд. Дар натиҷа, 790 ҳазор хонавода, дар маҷмўъ 3,7 миллион нафар аҳолӣ бо барқи устувор таъмин гардиданд.

Барои бархе аз қишрҳои аҳолӣ, ки пас аз давраи тўлонии бекорӣ рў ба фаъолияти соҳибкорӣ овардаанд, субсидия ва имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон, аз онҳо масъулияти баланд талаб карда мешавад, то маблағҳои ҷудошуда самара диҳанд. Тибқи қоидаҳои нав, ҳар як субсидия бо нишондиҳандаҳои дақиқи мақсаднок дода шуда, тавассути платформаи subsidiya.mf.uz назорат карда мешавад.

Илова бар ин, самаранокии истифодаи маблағҳо дар асоси ҳисоботи молиявӣ, маълумоти андоз ва меъёрҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад. Дар сурати ноил нагардидан ба натиҷаҳои пешбинишуда, истифодаи нодурусти маблағҳо ё пешниҳоди маълумоти бардурўғ, маблағи субсидия бозпас ситонида мешавад. Ин раванд ва рўйхати соҳибкороне, ки маблағҳоро баргардонидаанд, аз ҷониби 17 вазорату идораи ҷумҳурӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои он ошкоро ба ҷомеа пешниҳод мегардад.

Раҳоӣ аз камбизоатӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо роҳу усулҳои гуногун амалӣ мешавад. Масалан, дар маҳаллаҳои шаҳри Кўқанд қисми муайяни аҳолӣ аз замин самаранок истифода бурда, аз ҳисоби рушди чорводорӣ даромади хуб ба даст меоранд. Хусусан, дар маҳаллаи «Тошкентлик гузар» ба туфайли фаъолияти самараноки ҳокими шаҳр Маъруфҷон Усмонов пайдо кардани сокини бекор қариб ғайриимкон гардидааст.

– Ин кор ба осонӣ муяссар нашудааст. Дар шаҳри Кўқанд корхонаҳои зиёд фаъолият доранд, ки ҳазорҳо нафарро бо ҷойи кор таъмин намуда, дар коҳиши камбизоатӣ нақши муҳим мебозанд. Айни замон таъсиси чанд корхонаи муштарак низ дар арафаи анҷомёбист. Бо вуҷуди ин, барои дарояндаи наздик пурра бартараф намудани бекорӣ моро зарур аст, ки аз тамоми имкониятҳо истифода барем. Зеро маҳз бекорӣ сарчашмаи асосии камбизоатист, – мегўяд котиби матбуоти ҳокими шаҳри Кўқанд Улуғбек Норбоев.

Ба гуфтаи ў, ҳоло тадбирҳо ҷиҳати ба кишвар бозгардонидан ва бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандоне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, як қатор чорабиниҳо амалӣ мешаванд. Таъмини шуғли ин қишри аҳолӣ дар маҳаллаҳои шаҳр бо суръат идома дорад.

Воқеъан, як гурўҳ шаҳрвандон мустақилона барои худ ҷойи кор фароҳам оварда, манбаи даромад пайдо кардаанд. Омўзгорон (репетиторҳо), тарҷумонҳо, парасторон, сантехникҳо, устоҳои барқ, сартарошон, хаткашонҳо, мошиншўйҳо, ҳунармандон, дўзандагон, барномасозон ва намояндагони як қатор касбҳои дигар аз ин ҷумлаанд, ки ба таври мустақил фаъолият мебаранд.

– Барои ин гурўҳ Қарори Президент аз 8 июни соли 2020 «Дар бораи чораҳои соддагардонии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва худмашғулият» заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст. Фаъолияти онҳо мутобиқи «Низом дар бораи тартиби анҷом додани фаъолият ҳамчун шахсони мустақилона коркунанда» танзим карда мешавад, – иброз дошт коршиноси мустақили масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ Додоҷон Ортиқов.

Ба гуфтаи ў, танҳо баъд аз истиқлолияти давлатӣ барои бидуни монеа фаъолияти озодона намудани соҳибони чунин касбу кор шароити мусоид муҳайё гардид.

Қобили зикр аст, ки сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва дигар вилоятҳои мамлакат сол ба сол коҳиш меёбад. Аз ҷумла, дар вилояти Фарғона аввали соли ҷорӣ сатҳи камбизоатӣ 8,6 фоизро ташкил медод ва ҳоло он тақрибан ба 6 фоиз коҳиш ёфт. Интизор меравад, ки дар соли оянда ин нишондиҳанда то ҳудуди 4,5 фоиз поён равад.

Дар ин замина ба суханони Сарвари давлат дар Форуми сеюми байналмилалии Намангон рў меорем, ки таъкид намуданд: «...фаро гирифтани 1 миллион нафар камбизоатон бо чунин барномаҳо, аз ҷумла "Мақомоти шуғл – шарикони корфармоён", "Имкониятҳои баробар – шуғли фарогир", "Ба сўи ояндаи устувор", "20 бренди маҳаллӣ", "Як контур – як маҳсулот", "Рушди соҳибкорӣ дар маҳалла", "Беҳтар кардани таъминоти об дар заминҳои иҷора ва қитъаҳои наздиҳавлигӣ", "Таъмири боғҳои кўҳна", "1 ҳазор гектар боғҳои мевадор" ва "Кооперативҳои содиротӣ" ба нақша гирифта шудааст».

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мақомоти масъул вазифадоранд то масъалаҳои зикршударо ҳадафмандона ҳал намуда, самаранокии тадбирҳои амалиро мутобиқ ба ниёзҳои аҳолӣ баланд бардоранд ва иҷрои вазифаҳои марбут ба коҳиши камбизоатиро бо масъулияти баланд таъмин намоянд.

– Дар ин замина, мақомоти вилоятӣ ва шаҳрӣ тибқи супоришҳои Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли ҷумҳурӣ, ки аз дастурҳои Роҳбари давлат маншаъ мегиранд, маълумот дар бораи ҷойҳои холии корро дар корхона ва ташкилотҳо мунтазам эълон менамоянд. Ёварони ҳокимони маҳаллӣ низ дар ҳамкорӣ бо кормандони шуъбаҳои коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли шаҳру ноҳияҳо фаъолона кор мебаранд, – мегўяд Гулноза Алимова.

Бешак, дар Ўзбекистони Нав ислоҳоти васеъмиқёс ҷараён дошта, коҳиши камбизоатӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Натиҷаҳо низ умедбахшанд: сатҳи камбизоатӣ дар кишвар тайи солҳои охир аз 35 то 6 фоиз коҳиш ёфта, самаранокии сиёсати татбиқшавандаи Президенти мамлакатро ба таври возеҳ инъикос менамояд.

Ҳамзамон, бонкҳо низ дар самти пешниҳоди кредитҳои имтиёзнок ба оилаҳои камбизоат фаъолияти худро густариш додаанд. Аз ҷумла, ҳар сол 200 миллион доллари ИМА дар шакли субсидияҳои ипотекӣ барои аҳолии камбизоат ва эҳтиёҷманд ҷудо карда мешавад, ки ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии ҳазорон оила мусоидат менамояд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ТОШКАНД БА МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ БАЛАНД ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар натиҷаи фароҳам овардани шароити мусоид ва имтиёзҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотии мамлакат, иштироки истеҳсолкунандагони маҳсулоти миллии барномавӣ дар аксар бахшҳо, чун ҷараёни рақамисозии идоракунии давлатӣ, беҳтарсозии инфрасохтори алоқа, рушди таълими IT пайваста густариш меёбад.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои ташкили босамари идоракунии давлатӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ дар доираи ислоҳоти маъмурӣ», самтҳои асосии трансформатсияи рақамии соҳа, шабака ва минтақаҳо муайян гардидаанд.

Дар ин раванд ширкати «Unicon-Soft»-и ноҳияи Юнусобод низ саҳми муносиб мегузорад. Корхона, ки соли 2017 таъсис ёфтааст, то имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ беш аз 70 низоми барномавиро таҳия ва ҷорӣ намудааст.

Дар ҳамаи минтақаҳо ва 208 ноҳияву шаҳр оид ба ҷорӣ намудани низомҳои иттилоотӣ ва дастгирии техникӣ филиалҳои ширкат фаъолият доранд. Дар онҳо зиёда аз 1,5 ҳазор корманд фаъолият мебаранд, ки 80 фоизи онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ҳоло аз ҷониби «Unicon-Soft» роҳандозии истеҳсоли воситаҳои барномавӣ ва техникӣ дар самти рақамисозӣ, рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ, инчунин ҷорӣ намудани платформаи «Маҳаллаи рақамӣ» ба нақша гирифта шудааст. Роҳбари давлат бо муаррифии лоиҳаҳои ширкат дар ин самт шинос гардид.

Аз рӯйи рушди минбаъдаи истеҳсоли маҳсулоти миллии IT, афзунсозии дониш ва таҷрибаи ҷавонон дар соҳаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва суръат бахшидани равандҳои рақамисозӣ дар идораҳои давлатӣ тавсияҳои дахлдор дода шуд.

Инчунин, Президент корҳои ободонӣ ва инфрасохтори муосиреро, ки дар кӯчаи Рихсилӣ амалӣ гардидаанд, аз назар гузаронд.

Дар масофаи ду километри роҳ инфрасохтори муҳандисӣ ва нақлиётӣ пурра навсозӣ шудааст. Инчунин, иншооти савдо, хӯроки умумӣ ва фароғатӣ, ки 24 соат фаъолият мекунанд, таъсис ёфтааст. Дар натиҷа 650 ҷойи нави корӣ фароҳам омад.

Дар ин минтақа ҳамарӯза ба ҳисоби миёна қариб 35 ҳазор воситаи нақлиёт ҳаракат мекунад. Бо назардошти ин, чораҳои таъмини амнияти аҳолӣ ва роҳатии ҳаракат андешида шуданд. Аз ҷумла 39 ҳазор метри мураббаъ роҳравҳои пиёдагардӣ сохта шуд. Тақрибан сад камераи назорати видеоӣ ва қариб 10 тугмаи бонги фавқулода насб гардид.

Сарвари давлат бо бинои нав ва фаъолияти таълимӣ-илмии Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон шинос шуд.

Дар асоси Фармони Президент Шавкат Мирзиёев аз 28 ноябри соли 2022 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми сифатан нави омода кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо» дар назди Академияи Прокуратураи генералӣ Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис ёфта буд.

Академия дар муддати кӯтоҳ аз муассисаи таълимии маҳдуди ихтисосӣ ба муассисаи мукаммали ихтисосонидашудаи таҳсилоти олӣ ва илмию таҳқиқотӣ табдил ёфт, ки кадрҳоро барои мақомоти прокуратура ва тафтишотиву ҷустуҷӯӣ бо такя ба равиши ягона омода менамояд ва низоми пайвастаи таълимро таъмин мекунад.

Ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони раёсати академия аз ҳисоби кадрҳои бомаҳорати мақомоти прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои илмӣ ва экспертӣ, ки таҷрибаи амалӣ доранд, пур карда шуд.

Дар давраи сипаришуда инфрасохтори минтақае, ки ба академия марбут аст, пайваста густариш ёфта, бинои маъмурии панҷошёна, ошхонаи замонавӣ, меҳмонхона ва майдони коворкинг барои донишҷӯён аз нав бунёд гардиданд, инчунин маҷлисгоҳ ва китобхона пурра бозсозӣ шуданд.

Илова бар ин, ду бинои таълимӣ ва ду хобгоҳ аз нав таъмир гардида, имконияти фарогирии таҳсилкунандагон ду баробар афзуд. Ҳоло сохтмони маҷмааҳои варзишии кушода ва пӯшида идома дорад.

Бо мақсади таъмини ҳамоҳангии назария ва амалия, полигонҳои криминалистӣ, толорҳои махсус барои тақлиди ҷараёни мурофиаи судӣ, утоқҳои бозпурсӣ ва шиносоии бо шишаи Гезелл таҷҳизонидашуда, киберполигон, лабораторияҳои «даркнет» ва экспертизаи судӣ – дар маҷмӯъ 12 утоқи махсус бунёд гардидааст.

Дар академия низоми дузинагии таҳсилоти олӣ – бакалавриат ва магистратура роҳандозӣ шудааст. Аз соли таҳсили 2023/2024 бори аввал дар мамлакат бар асоси тамоюли «Низоми гуногун — равиши ягона» равандҳои таълимӣ дар самтҳои «Фаъолияти тафтишотӣ» ва «Фаъолияти прокурорӣ» дар зинаи бакалавр роҳандозӣ гардиданд. Барои омода намудани «киберпрокурор» ва «кибермуфаттиш», ки барои мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ пешбинӣ шудаанд, аз соли оянда самти бакалаврии «Киберҳуқуқ» таъсис меёбад.

Дар бахши магистратура тайёр намудани кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои «Фаъолияти тафтишотӣ», «Фаъолияти прокурорӣ», инчунин «Фаъолият бобати мубориза бо коррупсия» ва «Ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон», ки дар низоми таълими миллӣ ягонаанд, ба роҳ монда шудааст. Аз соли таҳсили 2025/2026 магистрҳо аз рӯи ихтисоси «Таъмини ҳуқуқии киберамният» омода карда мешаванд.

Тартиби сифатан нави такмили ихтисос ҷорӣ гардида, низоми дар ҳар се сол на камтар аз як маротиба пайваста такмили ихтисос намудани кормандони мақомоти прокуратура ва тафтишот роҳандозӣ шудааст.

Бобати бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура, таъмини ихтисосонидани ибтидоии кормандоне, ки нав қабул шудаанд, тафтишоти мақомоти ваколатдор ва бозомӯзии муфаттишон низоми нав офарида шуд.

Курсҳои фосилавӣ ва омехта, ҳамчунин модели таълими интихобӣ бо назардошти ниёзҳои кормандон татбиқ мегардад. Ин ба ҳар як корманд имкон медиҳад, ки дар тӯли фаъолияти хидматии худ мувофиқи траекторияи шахсии таълим малакаи худро пайваста такмил диҳад.

Тавассути портал ҷорӣ намудани курсҳои фосилавӣ ва омехта бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин раванд ассистенти виртуалӣ, ки бар пояи зеҳни сунъӣ офарида шудааст ва видеоҳои симулятсияи рақамие, ки ҳолатҳои мушкили амалиёти воқеии тафтишотиро инъикос мекунанд, васеъ истифода мешаванд.

Барои пешниҳоди маслиҳати ройгони ҳуқуқӣ ба аҳолӣ фаъолияти клиникаи ҳуқуқӣ ва платформаи махсуси электронӣ роҳандозӣ шудааст. Донишҷӯён ба ин фаъолият ҷалб гардида, таҳти роҳбарии мутахассисони соҳибтаҷриба малакаҳои амалии худро ташаккул медиҳанд.

Ғайр аз ин, Маркази илмӣ-таълимии мубориза бо коррупсия таъсис ёфтааст. Дар ин самт омодасозии магистрҳо, инчунин таъмини фаъолияти шӯрои илмӣ аз лиҳози илмиву услубӣ роҳандозӣ шудааст.

Бо мақсади муқовимат ба ҷиноятҳои киберӣ ва дигар таҳдидҳои глобалӣ, инчунин омода намудани мутахассисони баландихтисос дар ин самт, соли гузашта дар асоси қарорҳои дахлдори Президенти кишвар дар сохтори Академия Институти илмӣ-таҳқиқотии криминалистикаи рақамӣ таъсис дода шуд.

Қобили зикр аст, ки дар лабораторияҳои кибериии муосир 439 таҳқиқот ва экспертизаи мураккаби рақамӣ гузаронида шуда, 189 ҷинояти киберӣ ошкор гардидааст.

Дар дафтари лоиҳавии академия бо ҳамкории коршиносон, ки аз давлатҳои ИМА, Ҷопон, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ, Русия, Словения ва Шветсия ҷалб шудаанд, зиёда аз 15 лоиҳа татбиқ мегардад.

Дар академия шӯрое, ки аз рӯйи 10 ихтисос дараҷаҳои илмӣ медиҳад, фаъолият мекунад. Аз онҳо, шӯрои илмӣ аз рӯи ихтисоси «Мушкилоти коррупсия» дар кишвар ягона ба ҳисоб меравад. Иқтидори илмии академия дар давоми се сол аз 26 ба 67 фоиз расонида шуд.

Президент бо шароити муосире, ки дар толорҳои махсус барои имитатсияи мурофиаи судӣ, утоқҳои бозпурсву шиносоӣ ва дигар хонаҳои ихтисосӣ, инчунин маркази иттилоотию захиравии академия фароҳам гардидааст, шинос шуда, бо донишҷӯён мулоқот кард.

Баъдан, таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои рушди ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодии шаҳри Тошканд, беҳсозии муҳити шаҳр ва фароҳам овардани шароити муносиб барои зист ҷамъомад баргузор гардид.

Нахуст, корҳои дар пойтахт анҷомёфта сарҳисоб шуданд. Таъкид гардид, ки солҳои охир дар шаҳр дигаргуниҳои бузург ба вуқӯъ пайвастаанд.

Дар нӯҳ соли гузашта ба иқтисодиёти шаҳри Тошканд беш аз 20 миллиард доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардида, қариб 5 ҳазор лоиҳаи бузург ба фаъолият шурӯъ кард. Сармояи мустақими хориҷӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз 71 доллар дар соли 2017 то 2,2 ҳазор доллар афзуд.

Корҳои бунёдкорӣ, сохтмони иншооти нави савдо, хидматрасонӣ ва фароғатӣ ба рушди «иқтисодиёти шабона» мусоидат намуданд. Теъдоди иншооти савдо ва хидматрасонӣ, ки шабу рӯз кор мебаранд, аз 3 ҳазор зиёд гардид.

Ба Тошканд ҳазор дона электробус ва автобуси замонавӣ оварда шуда, 168 хатсайри нав ифтитоҳ гардид. 33 километр хати нави метро ва 21 истгоҳи нави иловагӣ сохта шуд. Барои тақрибан 1 миллион нафар аҳолии ноҳияҳои Яшнобод, Миробод, Сергелӣ, Янгиҳаёт ва Юнусобод хидматрасонии метро дастрастар гардид.

Дар маҷмӯъ, иқтисодиёти пойтахт дар нӯҳ соли охир 2,5 баробар афзуда, соли ҷорӣ ба 27 миллиард доллар хоҳад расид. Даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз 4,4 ҳазор доллар ба 8,6 ҳазор доллар афзудааст.

Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 7,3 фоиз дар аввали сол то 1 фоиз, сатҳи бекорӣ бошад, аз 4,5 фоиз то 3,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Яъне, сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ дар шаҳри Тошканд ба меъёри табиӣ мерасад.

Аҳолии доимии шаҳри Тошканд ҳар сол ба ҳисоби миёна 100 ҳазор нафар афзуда, дар соли 2030 аз 3,5 миллион нафар зиёд гардидани ин теъдод дар назар аст. Инчунин, ба 52 миллиард доллар расонидани ҳаҷми маҳсулоти минтақавии умумӣ, қариб ду баробар зиёд намудани даромад ба ҳар сари аҳолӣ ба нақша гирифта шудааст.

Таъкид гардид, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳокими шаҳр ва муовинони ӯ, ҳокимони 12 ноҳия бояд пайваста дар ҷустуҷӯ бошанд ва фонди манзил, инфрасохтори нақлиёт, энергетика, маорифу тандурустӣ ва хидматрасониро дар асоси андозаҳои мегаполисҳои муосири ҷаҳон бозбинӣ намоянд.

Бинобар ин, пешниҳод оид ба ҳамчун мушовирони ҳоким ҷалб кардани мутахассисоне, ки дар чунин мегаполисҳо таҷрибаи роҳбарӣ доранд, пазируфта шуд. Бо истифода аз таҷрибаи бисёрсолаи онҳо, ба маркази молия, технологияҳои пешрафта, фарҳанг ва сайёҳӣ табдил додани шаҳри Тошканд таъкид гардид.

Сарвари давлат гуфт, ки ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб зиёданд ва ташаббусҳои навро пешбарӣ намуд.

– Пеш аз ҳама, масъулони шаҳр бояд корбарии худро дар масъалаҳои экология, офаридани ҷойҳои кории сердаромад ва идоракунии босифат, ки аҳолии шаҳрро нигарон мекунанд, тағйир диҳанд.

– Соли 2026 барои шаҳри Тошканд «Соли рушди босуръат ва афзоиши даромади аҳолӣ» хоҳад буд. Барои татбиқи ин ғоя барномаи бузург амалӣ мегардад, — гуфт Президент.

Ноҳияҳои пойтахт дар се самти асосӣ рушд ёфта, ҳадаф гузошта шуд, ки дар соли 2026 9 миллиард доллар ва дар ду сол 20 миллиард доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шавад.

Бахусус, ноҳияҳои Сергелӣ, Янгиҳаёт ва Бектемир «нуқтаҳои рушд»-и соҳаҳои саноати баландтехнологӣ ва логистика хоҳанд шуд. Аз ҷумла, соли оянда дар Сергелӣ дар масоҳати 120 ҳазор метри мураббаъ агрологистика ва анборхонаи муосир бо арзиши 70 миллион доллар ба истифода дода мешавад.

Дар минтақаи саноатии «Янги авлод»-и Янгиҳаёт лоиҳаҳо дар соҳаҳои электротехника, нассоҷӣ, автомобилсозӣ ва хӯрокворӣ ба маблағи 2 миллиард доллар амалӣ мегарданд. Ин минтақаи саноатӣ аз ҳисоби 640 гектар замини Янгиҳаёт ва Бектемир васеъ карда мешавад. Супориш дода шуд, ки аз ин ҳисоб лоиҳаҳои нави мутобиқ ба талаботи экологӣ ва баландтехнологӣ ба маблағи умумии 3 миллиард доллар оғоз шаванд.

Дар ноҳияҳои Учтепа, Чилонзор, Яккасарой, Шайхонтаҳур ва Олмазор хидматрасонӣ, иқтисодиёти эҷодӣ, ороишӣ ва сайёҳӣ ба самтҳои асосии ҷалби сармоя табдил меёбанд.

Дар ноҳияҳои Мирзо Улуғбек, Юнусобод, Миробод ва Яшнобод бошад, дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, стартап, финтех, молия, тандурустӣ ва таълим лоиҳаҳо ба маблағи 1 миллиард доллар татбиқ мегарданд.

Соли ҷорӣ 26 кӯчаи пойтахт ба тартиби кори шабонарӯзӣ гузаронда шуд. Аз ҳисоби дар онҳо ҷойгир намудани 1200 объекти савдову хидматрасонӣ 5000 нафар даромад ба даст оварданд. Соли оянда боз 18 чунин кӯчаро ба вуҷуд овардан чун вазифа гузошта шуд. Ҳоли ҳозир барои пойтахт сохтани 75 мактаб ва ҳамин қадар кӯдакистон, инчунин 23 иншооти варзишӣ талаб карда мешавад.

Муайян карда шуд, ки ҳокимони ноҳияҳо ҳар сол аз ҳисоби маблағи ҷалбнамудаи худашон аз ҳар намуди объект – мактаб, кӯдакистон ва иншооти варзишӣ яктоӣ бунёд мекунанд. Боз 15-тоӣ мактаб ва кӯдакистон ва инчунин 11-тоӣ иншооти варзишӣ ҳар сол дар доираи барномаи сармоягузорӣ бунёд хоҳад гардид.

Аз соли ҷорӣ дар ҳар як ноҳияи Тошканд дар пойгоҳи як мактаб татбиқи барномаи такмили сифати таълим оғоз гаштааст. Дар доираи он 1,5 ҳазор нафар хонандагони синфҳои 7-11 интихоб гардидаанд, ки онҳо бинобар самтҳои IT, тиббиёт, тиҷорат ва муҳандисӣ таълим мегиранд. Вобаста аз давомоти хонандагон ба муаллимон музди моҳона то 20 миллион сӯм пардохта мешавад.

Вазифа гузошта шудааст, ки таҷрибаи мазкур вусъат дода шуда, миқдори чунин мактабҳо соли оянда то 24 ва то соли 2027 то 33-то афзуда мешавад.

Чуноне ки дар бузургтарин шаҳрҳои ҷаҳон роиҷ аст, дар пойтахт маркази ягонаи идораи низоми нақлиёт ба вуҷуд оварда мешавад. Он амвоҷи нақлиёт ва пиёдагардҳоро дар ҳар як кӯча ва чорроҳа бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳлил менамояд, тирбанд ва ҳодисаҳои роҳу нақлиётро бартараф месозад.

Соли оянда ду нуқтаи назоративу гузаргоҳии даромадгоҳи шаҳр ба ҳошияи пойтахт кучонда мешавад, боз сетояш таъмир мегардад. Дар инҷо ҳадди аққал барои 3,5 ҳазор мошини боркаш ва 5,5 ҳазор мошини сабукрав истгоҳ ва инчунин барои аҳолӣ кемпингҳо бунёд мегарданд.

Аз ҳама муҳимаш, ин нуқтаҳо бо шабакаи нақлиёти ҷамъиятӣ пайванд карда мешаванд, ки барои меҳмонони шаҳр гузоштани автомибилҳои худ дар беруни пойтахт ва дар Тошканд тез ва бехатар ҳаракат кардан имконият фароҳам меорад.

Ба ҳокимияти шаҳр соли оянда ба амал татбиқ намудани 100 чорроҳаи «оқил» бо маркази ягонаи идораи чароғакҳо, якҷоя бо соҳибкорон ба вуҷуд овардани истгоҳ барои 30 ҳазор мошин, таъмири 300 истгоҳ, идома додани 40 километр роҳи пиёдагард ва 20 километр роҳи велосипед, тармими 100 километр роҳ ва инчунин сохтмони путепровод ва нақб дар ноҳияҳои Юнусобод ва Яшнобод супориш дода шуд. Ғайр аз ин вазифаи хариди 200 электробус гузошта шуд.

Аҳамияти масъалаҳои экологӣ дар пойтахт, мисли бузургшаҳрҳои ҷаҳон, афзун мегардад.

Вазифаи омода намудани лоиҳа ва шурӯи сохтмони кӯлҳои сунъӣ ва ҳавзҳо дар чор минтақаи шаҳр супурда шуд. То 1 июн дар ҳар як ноҳия сетоӣ кӯчаҳои сояи сайркунӣ ба тӯли 5 километр ба вуҷуд оварда мешавад. Барномаи алоҳида оид ба бунёди яктоӣ боғ ба ҳар як даҳ маҳалла роҳандозӣ мегардад.

Соли 2026 мустаҳкам намудани 18,5 километр соҳилҳои каналҳо бо ба вуҷуд овардани минтақаҳои сабз ва фазои сайругашт ба нақша гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, аз ҳисоби мустаҳкам намудани қитъаи 16 километрии дарёи Чирчиқ, ки аз тариқи ноҳияҳои Бектемир, Сергелӣ ва Янгиҳаёт мегузарад, барилова 800 гектар ҳудуд аз худ карда мешавад. Дар ин майдон ба вуҷуд овардани 200 гектар «камарбанди сабз», 250 гектар роҳҳои дохилӣ, қитъаҳои сайругашт, қадамзанӣ ва роҳҳои велосипедронӣ пешбинӣ мегардад.

Нақшаи низоми обравии шаҳр таҳия гардида, бинобар он сохтмон аз соли оянда шурӯъ мегардад. Дар доираи барнома сохтмони 150 километр шабакаи пушидаи обравӣ, таъмири 197 километр канал ва коллекторҳо, ба вуҷуд овардани 63 километр каналҳои нав барои фароҳам овардани иқлими ҳарчи хунуктари шаҳр ба нақша гирифта шудааст.

17 иншоот барои ҷамъоварии оби борон сохта хоҳанд шуд, ки барои обёрии дарахтон ва қитъаҳои сабз ба нақша гирифта шудааст.

Тамоми хидматҳои коммуналӣ ва идораҳои таъҷилии пойтахт ба тартиби шабонарӯзии кор ба хотири огоҳии вазъиятҳои садаманок, зуд бартараф намудани онҳо ва пурзӯр кардани чораҳо доир ба таъмини бехатарии ҷамъиятӣ мегузаранд.

– Пойтахт маркази сиёсӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва мадании давлат ба шумор меравад. Бархурд барои идораи он, рушд ва ҳимоя махсус бояд бошад, – таъкид кард Президент.

Бинобар ин пешниҳод гардид, ки ба Шӯрои шаҳри Тошканд ваколати равон намудани 20 фоизи даромади иҷрои барзиёд, ки ба буҷети маҳаллӣ бармегардад, барои дар байни ноҳияҳо тақсим намудан ва ҳамчунин ба ҳокимони шаҳр ва ноҳияҳо дар ҳамоҳанг намудан бо шӯроҳои маҳаллӣ иҷозати ҷойгир намудани маблағҳои озод ба депозитҳо дода шавад.

Ногузирии қабули қонун «Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон» таъкид шуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти шаҳри Тошкандро муайян менамояд.

Таъкид ёфт, ки пойтахт дар баланд бардоштани самаранокии кори «ҳафтгонаи маҳалла» пешво гардад. Аз соли 2026 дар Тошканд низоми нав – «ҳафтгонаи маҳалла» пурра ба тасарруфи ҳокимияти шаҳр мегузарад.

– «Ҳафтгона» на бо ҳисобот, балки бояд бо воқеан сабук намудани ҳаёти одамон машғул гардад, – таъкид кард Президенти мамлакатамон.

Дар ҷараёни ҷамъомад ҳисоботи ҳокимони пойтахт ва ноҳияҳо шунида шуда, муколама бо соҳибкорон ба вуқӯъ пайваст.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**Марҳабо ХОҶИАКБАРОВА,**
**хабарнигорони махсуси ЎзА.**

# «ХУФАР» – ЯК ПОРАИ ТАЪРИХИ ВАТАН

Ҳар гоҳе бо ин дӯсти китобдор ва ношири баландзавқ рӯ ба рӯ оям, холӣ бознамегардам: ҳатман ягон китоберо бароям армуғон мекунад. Китобҳое, ки ӯ ҳадя менамояд, одӣ нестанд. Ҳар кадоми онҳо як қасри маънавиятанд. «Девони Ҳофиз», «Гулистон»-и Саъдӣ, «Алишер Навоий қомусий луғати», «Маънолар хазинаси», «Девони Умархон», «Сарводаи Сурхон» аз ҷумлаи онҳост. Қобили қайд аст, ки аксари ин китобҳо бевосита бо саъю эҳтимоми худи ношир ба чоп расидаанд.

Ин дафъа китоберо пешкаш намуд, ки аз ҳар ҷиҳат мазмуни хосро соҳиб аст. Он «Хуфар» ном дорад (нашриёти «Саҳҳоф»-и Тошканд). Оре, дуруст дарк карлед: Хуфар яке аз деҳаҳои хушманзари тоҷикнишини ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мебошад. Ин диёр таърихи ғанӣ ва табиати дилрабо дорад.

Муаллифи ин китоби арзишманд Давлатбой Маҳмудов ҳам зодаи ҳамин сарзамин, ҳамчун яке аз машъалдорони маориф дар миқёси вилояту ҷумҳурӣ, инчунин дар Тоҷикистон хуб шинохта шудааст. Ин равшанфикри худшинос ҷаҳд намудааст, ки деҳистони Хуфар аз назари таърих дур намонад ва барои аҳли имрӯз ва фардо китобе таҳия гардад, ки ҳам ҷуғрофия, ҳам мардумшиносӣ, ҳам таърих, илму адабиётро фаро гирад. Бо ин амали нек анъанаи таърихнигорӣ ва этнографияи аҷдодонро дар ин гӯшаи ватани маҳбубамон эҳё намудааст.

Агар ба «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Саёҳатнома»-и Ибни Баттута ё «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдураҳмони Мустаҷир назар андозем, мебинем, ки муаллифон зимни таълифи асарҳояшон тамоми ҷузъиёти манзилу макон ва тарзи рӯзгори мардумро бо тамоми «майда-чуйдаҳояш» инъикос кардаанд. Дар саёҳатномаҳои муҳаққиқони рус Н. Маев (1835–1896), Д. Логофет (1865–1922) ва дигарон низ оид ба водии Ҳисор ҳатто номи рустаниҳо, хоку гил, мӯру малах сарфи назар нашудааст. Дар таърихнигорӣ ва мардумшиносӣ ҳама чиз муҳим мебошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, китоби «Хуфар»-ро метавон роҳнамои муфассали таърих, ҷуғрофия, адабиёт, топонимика ва фарҳанги ин гӯшаи нотакрори Ватани паҳноямон номид. Зеро то имрӯз дар бораи таърихи пайдоиш ва номи деҳа ягон сарчашмаи мӯътамад вуҷуд надошт, гарчанде дар бораи инсонҳои шарифу илмдӯст, заҳматкаш ва боғу роғҳои пурфайзи Хуфар солҳои охир садҳо мақола, шеър ва достон эҷод гардидааст.

Яке аз муаррихони маъруфи фарҳанги мусиқии тоҷик, профессор Аскаралӣ Раҷабов, ки худ зодаи ноҳияи Сариосиё мебошад, ин китобро «Аввалин меҳрномаи Хуфар» номида, онро ҳамчун «сарчашмаи муҳим барои кишваршиносон ва мардумшиносон дар омӯзиши масоили таърихию назарии ҳуввият ва фарҳангманишӣ, инчунин барои омӯзиши амиқтари мероси фарҳангии тоҷикони деҳбузурги таърихии Хуфар, ки бахши муҳими тоҷикони фарҳангманиши водии Ҳисорро ташкил медиҳад» муаррифӣ намудааст.

Дар қисмати аввали китоб «Хуфар дар масири таърих» муаллиф оид ба пайдоиши деҳа чанд фарзияро бар асоси нақлу ривоятҳои шифоҳӣ пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, яке аз онҳо ба мансубияти аҷдодони деҳа ба аҳли тариқати нақшбандия ва Махдуми Аъзам ишора менамояд. Ҳамчунин тахминҳо дар бораи этимологияи калимаи «Хуфар» оварда шудааст.

Муаллиф бо ифтихор таъкид мекунад, ки намояндагони фарҳангдӯст ва донишманди ин деҳа дар гузашта қозиву муфтиҳои номдори Ҳисору Деҳнав, сармударрисони мадрасаҳои Сариосиё ва Сариҷӯ будаанд. Имрӯзҳо низ хуфариён, ҳамчун ворисони ҳақиқии аҷдодони соҳибфарҳанги хеш, дар сафи пеши аҳли илму маърифат устуворона қадам мезананд. Дар бонуфузтарин донишгоҳҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ҳамчунин дар машҳуртарин муассисаҳои илмии кишварҳои мутараққии ҷаҳон — аз ҷумла дар донишгоҳҳои Ню-Йорки ИМА, Сеули Кореяи Ҷанубӣ, Турини Итолиё, Густав-Штреземани Олмон, Брюссели Белгия, Яссии Руминия, Будапешти Венгрия, Донишгоҳи «Дӯстии халқҳо»-и Маскав, муассисаҳои таълими олии Санкт-Петербург, Новосибирск ва Волгоградӣ Русия, инчунин Донишгоҳи славянии Русия — Арманистон олимони соҳибистеъдоди хуфарӣ кору фаъолият мебаранд. Илова бар ин, иштироки фаъолонаи роҳбарони заковатманди хуфарӣ дар соҳаҳои идоракунии давлатӣ ва фарҳангӣ далели равшани гуфтаҳои болост.

Китоб маълумоти фаровонро оид ба таърихи муосири Хуфар, иштироки сокинонаш дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, саҳмашон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ӯзбекистон, инчунин робитаи хуфариёнро бо деҳаҳои атроф дар бар мегирад.

Ҳар як боби китоб, бе муболиға, порае аз таърихи тоҷикони ин қаламрав аст. Масалан, фасли «Зиёратгоҳҳои Хуфар». Набояд фаромӯш кард, ки ҳар як зиёратгоҳ маҳсули тафаккури таърихию динии мардуме мебошад, ки дар он макон кору зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Бинобар ин, пайдоиши зиёратгоҳҳои «Хоҷамқара» ва «Хоҷа Исҳоқи Валӣ» ҳодисаи тасодуфӣ нест. Ин гуна падидаҳо бо ҷараён ва воқеаҳои гуногуни таърихӣ, динӣ ва фарҳангӣ иртиботи қавӣ доранд. Дар ин хусус беҳтар аст аз китоби мазкур мутолиа намуда, огоҳии бештар пайдо кунем.

Одатан, дар байни мардуми мо барои донистани аслу насаби шахс мепурсанд: «Ту аз авлоди кистӣ?» Ва ин савол бесабаб нест. Шаҷара, яъне маълумот дар бораи аҷдод — падару бобоёни мо, худ як шиносномаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳамин рӯ, ҳангоми интихоби дӯст ё арӯсу домод аз азал пирони рӯзгордида пеш аз ҳама аз авлод мепурсиданд. Аз ин дидгоҳ, фасли «Чанд сухан дар бораи авлодҳои Хуфар», ки дар китоб хеле муфассал таҳия шудааст, барои насли имрӯз ва фардо аҳамияти бузург дошта, ба саволи муҳими «Мо кистем?» барои ҷавонони хуфарӣ посух медиҳад.

Сипас, муҳаққиқи нуктасанҷ Давлатбой Маҳмудов ба таври ҷолиб аз шуғли суннатии хуфариён (гӯсфандпарварӣ, деҳқонӣ, бахусус парвариши гандуми лалмӣ ва пухтани нони машҳури Хуфар, инчунин кандакорӣ ва дигар ҳунарҳо на танҳо дар шакли баёни хушки иттилоотӣ, балки дар иртибот бо урфу одат ва нақли пирони деҳа сухан меронад, ки хеле хотирмон аст. Маҳз ҳамин услуб ба китоб ҷозибаи хос мебахшад.

Фасли «Ҳунармандӣ» низ яке аз бахшҳои хеле завқбахши китоб маҳсуб меёбад. Ҳамаи мо огоҳем, ки солҳои охир тӯю маъракаҳо асосан дар тарабхонаву ресторанҳо ба таври якранг баргузор мешаванд ва ростӣ, таассуроти зиёде боқӣ намемонанд. Дар фасли «Тӯйҳои Хуфар» бошад, тарзи баргузории тӯйи хатнасури писарон ва ақди никоҳи хуфариён бо тамоми маросимҳои вобаста ба онҳо — аз қабили «хатми Қуръон», «бибисешанбегӣ», «ордбезакон», «тӯйхабар», «чавкӣ», «оши рӯи бом», «тӯйи занон», «хатна», «таҳи ҷогаҳ», «кӯрпапахтаандозӣ», «чиллагурезон», «домодталбон» ва дигар расму ойинҳо ба тавр муфассал тасвир шудааст. Гарчанд бо мурури замон бисёре аз ин маросимҳо ихтисор ё ҳатто аз байн рафтаанд, ин навиштаҳо ҳамчун сарчашмаи мӯътамад барои омӯзиши таърихи ниёгон аҳамияти калон доранд ва бешубҳа, бо гузашти солҳо арзиши онҳо бештар хоҳад шуд.

Дар ихтиёри камина аз раҳматӣ Муҳсин Умарзода — ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» китоби маъруфи мардумшиносони рус М. С. Андреев ва Е. М. Пешерова таҳти унвони «Ягнобские тексты» (Москва — Ленинград, 1957) ба ёдгор мондааст. Дар ин асари пурарзиш муаллифон натиҷаҳои сафари худро ба деҳаи Яғноб дар солҳои 1924 ва 1927 бевосита аз забони сокинони маҳаллӣ сабт намудаанд — маводе, ки шояд имрӯз дар ҷойи дигар пайдо нашавад. Муҳаққиқи мардумшинос ҳақ надорад гӯйиш ва лаҳҷаи сокинони ин ё он маҳалро тағйир диҳад. Аз ҳамин ҷиҳат, фасли «Гӯйишҳо ва шеваи хуфариён» дар китоби «Хуфар» аз нигоҳи илмӣ ва таърихӣ бисёр пурқимат аст. Дар он хусусиятҳои ҷолиби морфологии гӯйишҳои мардуми Хуфар ва луғати маҳаллӣ гирд оварда шудаанд.

Бо мутолиаи ин китоби калонҳаҷм (516 саҳифа бо садҳо акс), хонанда аз фасл ба фасл ғарқи нақлҳои ширину ҷолиб мегардад. Масалан, фасли «Лақаб ва лақабмонӣ дар Хуфар» худ далели он аст, ки пайдоиши ҳар як лақаб низ ҳодисаи тасодуфӣ нест.

Баъдан хонанда ба фасли «Хушгӯйиҳои хуфариён ва ҳикоёти латиф» мерасад. Қаҳрамонҳои ин ҳикоёт одамони софдилу ҳозирҷавоб, гоҳе сода, вале хушҳазлу шӯхтабъ мебошанд. Барои намуна, яке аз ин хушгӯйиҳоро пешкаши хонанда мекунем:

«Қурбон Азим саҳари барвақт барои таҳорат ба ҳавлӣ мебарояд. Дар ин дам овозу бонги хурӯс аз мурғхонааш паи ҳам садо медиҳад. Қурбон ба ҷавоби бонги хурӯс мегӯяд:

— Ҳай ҷонвар, да ман – ку зарур. Тура чӣ зарурат, ин қадар барвақт мехезӣ? О, сар печон, хоба зан!»

Сипас, навбат ба фасли «Эҷодиёти даҳонии халқи Хуфар» мерасад ва баъд аз он — «Шоирони халқӣ». Хонанда аз мутолиаи шеър, тарона, зарбулмасал ва чистонҳо лаззати маънавӣ мебарад.

Маълум аст, ки ҳар деҳаю шаҳр ва ҳар кишварро фарзандони обрӯманди он дар ҷаҳон машҳур мегардонанд. Дар Хуфар инсонҳои саховатпеша, меҳнатқарин, олимон, ходимони дин, шоирону нависандагони соҳибқалам хеле зиёданд. Яке аз паҳлуҳои арзишманди ин китоб дар он аст, ки муаллиф беш аз сад нафар шахсияти маъруфро бо аксҳояшон гирд оварда, онҳоро дар саҳифаҳои зебову хушсифат барои имрӯз ва таърих маҳфуз доштааст. Ин



хидмати бузург ва кори савобомези устоди забон ва адабиёт, дӯстдори содиқи арзишҳои фарҳангиву таърихӣ Давлатбой Маҳмудов мебошад.

Қисмати охири китоб — «Хуфарнома», ки аз ашъори шоирони хуфаринажод иборат аст, мазмуну бадеияти асарро боз ҳам ғанӣ ва таъсирбахш намудааст.

Китобро бешак, метавон як тадқиқоти муҳими этнографӣ, таърихӣ ва адабии деҳаи бузурги водии Ҳисор номид. Ба пайравӣ аз ин асари арзишманд, хуб мешуд, агар мо низ дар бораи ҳар як деҳаи диёрамон навишта, гуфта ва шунидаҳоямонро гирд оварда, ба нашр омода созем. Зеро, чунонки мегӯянд, «Ватан аз гаҳвора ва остонаи хонаю деҳа оғоз меёбад».

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

*Ҳуқуқи истеъмолгарон*




# «СКИДКА»: оё рост аст ё фиреб?



***Ҳангоми гаштугузор дар кӯчаҳои маркази шаҳру ноҳияҳо беихтиёр чашм ба эълону реклама, лавҳаю овезаҳое чун «50 фоиз тахфиф!», «Якто харед – дувумаш ройгон», «Бузургтарин аксияи сол», «Ҳамаш – 10000 сӯм», «Аксияи идона оғоз шуд!», «1+1=3», «Супер аксия» ва монанди ин меафтад. Бахусус, дар арафаи иду ҷашнвораҳо ва оғози фаслҳои сол теъдоди чунин эълону овезаҳои имтиёзу аксияҳо бамаротиб зиёд мешавад.***

Инак, фасли зимистон – дар ҳар қадам рӯҳияи солинавӣ эҳсос мегардад. Ва аллакай аксар субъектҳои соҳибкорӣ – аз марказҳои бузурги савдо то мағозаҳои хурд ва ҳатто платформаҳои электронии тиҷоратӣ ҳам ба пешвози Соли нав арзониву аксияҳои гуногун эълон кардаанд. Чанд рӯз пеш дар назди як дӯкони либосворӣ чашмам ба навиштаҷоти «70 фоиз арзон!» афтод. Ба худ фикр кардам: агар соҳибкор молашро бо чунин нархи арзон – 70 фоиз «скидка» фурӯшад, пас чӣ хел фоида мегирад? Оё ин рост аст ё фиреб? Аслан эълони чунин тахфифу имтиёзҳои «дилписанду ҷолиб» тартибу меъёре дорад? Онҳоро кӣ назорат мекунад?

– Риоя ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва муносибатҳои соҳаи реклама аз ҷониби кумитаи мо назорат карда мешавад, – иброз дошт сардори шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бахшҳои савдо, хӯроквории умумӣ ва сайёҳии Кумитаи рушди рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ҷумҳурӣ Абдураҳмон Раупов. – Зимни ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар савдо мо ба талаботи қонунгузорӣ дар доираи қонунҳои «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи реклама», «Дар бораи кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкорӣ» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ амал мекунем. Инчунин дар ин самт қарори Девони Вазирон аз 13 феврали соли 2003 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва истеҳсолу фурӯши маҳсулот (хидматҳо)-и хӯроки умумӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» таҳти рақами 75 санади муҳим ба шумор меравад. Тӯли солҳо қоидаҳои савдои чакана ва истеҳсолу фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ чанд бор тағйиру такмил ёфт, вале то ҳанӯз тартибу меъёрҳои эълон кардани тахфифу гузаронидани аксияҳо мушаххас нагардида буд. Мафҳумҳои нархи тахфифӣ, аксияи ҳавасмандкунӣ ва амсоли ин дар қонунгузорӣ вуҷуд надошт. Аз 21 октябри соли равон бо қарори Девони Вазирон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ва беэътибор донистани баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба қоидаҳои савдои чакана як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Бори аввал мафҳумҳои «аксияи ҳавасмандкунӣ», «нархнома», «нархи тахфифӣ», «нарх то нархи тахфифӣ» ва моҳияти онҳо тавзеҳ ёфтанд ва тартибу тамоюлҳои эълон кардани онҳо муайян гардид.

Бино ба таъкиди А. Раупов, тибқи қоидаҳои нав, соҳибкор ҳангоми эълон кардани тахфиф бояд дар бораи миқдори мушаххаси маҳсулот, муддати идомаи аксия, нархи поинтарини мол дар 30 рӯзи охир ва нарх то тахфиф маълумоти пурра диҳад. Бояд гуфт, ки маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамчунин, молҳое, ки мӯҳлати нигоҳдории онҳо қариб анҷом ёфтааст, аз ин истисно аст. Яъне, дар ин ҳолат риоя накардани мӯҳлати 30-рӯза мумкин. Агар имтиёз барои шумораи маҳдуди мол ё маҳсулоти мавсимӣ амал кунад, вазифадор аст, ки истеъмолкунандагонро пешакӣ огоҳ намояд. Тахфиф ва бонусҳое, ки дар доираи аксия пешниҳод мегарданд, бояд бечунучаро иҷро шаванд.

Ғайр аз ин, дар асоси моддаи 21-уми Қонун «Дар бораи реклама» ҳангоми ташкили аксияҳои ҳавасмандкунӣ, то оғози маърака бояд шартҳои баргузории он дар воситаҳои ахбори оммавӣ ё шабакаҳои иҷтимоӣ эълон карда шавад. Қоидаҳои баргузории аксия, ном ва тартибу манзили супоридани мукофоту ҷоизаҳо мушаххас гардад. Илова бар ин, ному суроғаи шахсе, ки реклама медиҳад, пешниҳоди маълумот дар бораи рақами мобилӣ, манзили почтаи электронии ӯ зарур аст. Дар ин раванд тағйир додани шартҳои аксия ё нархро ба таври сунъӣ баланд бардошта, баъдан фиребкорона ҳамчун тахфиф пешниҳод намудани молу маҳсулот ба истеъмолкунандагон мумкин нест.

Таъкид гардид, ки дар қонунгузорӣ барои баъзе намуди молҳо, чун маҳсулоти спиртӣ, тамоку ва воситаҳои никотиндор, доруворӣ гузаронидани тахфиф ё аксияҳои ҳавасмандкунӣ мамнӯъ аст.

– Бояд гуфт, ки чунин чорабиниҳои таблиғотӣ барои истеъмолкунандагон имкониятҳои мусоид фароҳам меорад, – илова кард сармутахассиси шӯъбаи бозори реклама ва рушди бахшҳои креативии кумита Фарҳод Сулаймонов. – Ҳамзамон, ба пешрафти тиҷорати соҳибкорон ва даромади бештар гирифтани онҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, кумита ҳамеша барои дастгирии чунин иқдом омода аст. Аммо дар ин самт ҳолатҳое низ мушоҳида мешаванд, ки баъзе соҳибкорон дар пайи манфиати шахсӣ аксия ва тахфифҳои бардурӯғ эълон мекунанд. Масалан, танҳо дар соли ҷорӣ ба кумита беш аз 48 ҳазор муроҷиат шуд, ки қисми асосии онҳо бо пешниҳоди маълумоти нодуруст, гумроҳкунанда ё нопурра дар бораи тахфифу аксияҳо вобаста мебошанд. Мо маҳз бо мақсади назорати раванди чунин аксияҳо 697 маротиба чорабинии санҷишӣ гузарондем ва дар 256 ҳолат камбудиҳо ошкор гардиданд.

Масалан, шаҳрванд Т.Ш. дар аксияи «PUBG MOBILE: Bellissimo Pizza таклифлари», ки аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Bellissimo Pizza International» баргузор гардида буд, иштирок намудааст. Тибқи шартҳои аксия, ҷамъият бояд ба ӯ бозичаҳои коллексияи «PUBG MOBILE»-ро ҳамчун тӯҳфа пешниҳод мекард. Аммо аз иҷрои ин ӯҳдадорӣ худдорӣ намуд ва танҳо пас аз дахолати кумита масъала ҳал гардид. Дар мавриди дигар, шаҳрванд О.Ф. аз ҶММ «Тошкент авто марказ» автомошини тамғаи «ONIX» харидааст. Дар доираи аксияи ҷорӣ, ширкат ӯҳдадор буд, ки ба ӯ 8 миллион сӯм «кешбек» баргардонад. Аммо маблағро пардохт намекунад. Ҳоло аз ҷониби кумита тибқи Низоме, ки бо қарори Девони Вазирон таҳти рақами 225 тасдиқ шудааст, парванда боз гардида, тафтишот давом дорад.

Ф.Сулаймонов дар идома таъкид кард, ки чунин талабот, тартибот ва муқаррарот барои тамоми субъектҳои соҳибкорӣ, хоҳ мағоза бошаду хоҳ майдони савдои электронӣ, баробар аст.

– Солҳои охир дар мамлакат теъдоди платформаҳои электронӣ, ки чун субъекти соҳибкорӣ сабти ном гардида, фаъолият доранд, хеле афзуд, – таъкид кард масъул. – Агар чунин субъектҳои соҳибкорӣ ҳам меъёрҳои қонунгузориро вайрон кунанд, фаъолияти онҳо аз ҷониби комиссияи махсус омӯхта мешавад ва дар ҳолати ошкор гардидани қонуншиканӣ, санксияҳои қатъӣ, – ҷаримаҳои молиявӣ, чораҳои ҷавобгарӣ, қатъи фаъолияти реклама таъин мегардад. Масалан, агар меъёрҳои қонунгузориро дар самти реклама вайрон кунанд, вобаста ба ҳолат аз 30 то 100 баробари миқдори ҳисоби базавӣ ҷарима таъин мегардад. Ҳангоми такрор шудани ҳолат, миқдори ҷарима ҳам меафзояд. Дар ҳамин асно бояд боз ба як нуктаи дигар диққат кард. Ҳоло аксар шаҳрвандон низ дар мессенҷерҳои гуногун, чун телеграм, инстаграм гурӯҳу каналҳои шахсӣ боз карда, «соҳибкорӣ» мекунанд, аксияҳо мегузаронанд. Шумораи шаҳрвандоне, ки ба доми фиреби онҳо афтодаанд, низ кам нест. Ҳангоми ошкор шудани чунин ҳолат, мо дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ кор мебарем. «Соҳибкорон»-и фиребгар албатта муайян гардида, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд ва ҷазо таъин мегардад. Аз ин рӯ, аз соҳибкорон даъват менамоем, то талаботи қонунгузориро вайрон накунанд. Аз ҳамватанон низ хоҳиш мекунем, ки агар дар чунин арзониҳои бардурӯғ ё аксияҳои сохта фиреб хӯранд ё шоҳиди ҳолатҳои ғайриқонунӣ шаванд, ба телефони боварии кумита – **1159** занг зананд. Бояд гуфт, ки барои тафтиш ва санҷиши чунин ҳолатҳо то ҳол меъёрҳои аниқ вуҷуд надошт. Акнун тартибот муқаррар гардид ва дар асоси он назорат ҳам пурзӯр хоҳад шуд.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Аз ҳаёти иттифоқи касаба*

# БО ХОТИРИ ҶАМЪУ ДИЛИ БЕҒАМ ЗИНДАГӢ ДОРЕМ,

## – мегӯянд истироҳаткунандагон

Ба ҳамагон маълум аст, ки моҳҳои охири фасли тобистону тирамоҳи имсол бо ҳавои тираву чанголуд хеле дилгиркунанда гузашт. Мардум ҳавои ифлос ва чангу ғуборолудро тарк намуда, барои истироҳат ба сиҳатгоҳу истироҳатгоҳ ва кӯҳҳову баландиҳо баромаданд. Камина низ, ки аз Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи соҳибкориву тиҷорат ва ходимони соҳаҳои хидматрасонии шаҳри Тошканди ҷумҳурӣ роҳхат гирифта будам, таътили меҳнатиамро дар яке аз сиҳатгоҳҳои бофароғати дараҳои хушобуҳавои ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд гузарондам. Кӯҳҳои осмонбӯси он барфпӯш, ҳавои тоза ва серун ба тан ҳаловат мебахшид. Чӣ қадар ба баландӣ ҳаракат намоед, ҳамон қадар аз ҳавои тоза баҳраманд мегардед. Табиати он, арчаю сӯзанбарг, ҷанору сада ва дигар дарахтони меванок, шилдирроси оби ҷӯй, хониши кабку дигар паррандаҳо, нӯг-нӯги дарахтон ҷастухези санҷоб ва бачаҳояш руҳияти шахсро болида месозад.

Аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ истироҳаткунандагон омада истироҳат мекунанд, саломатии худро барқарор менамоянд ва аксарияти онҳо нафақахӯранд. Табиист, ки дар он ҷо дӯстону шиносҳои нав пайдо мекунед.

– Ман соле ду маротиба ба сиҳатгоҳ ва дигар гӯшаҳои зебоманзари диёрамон омада истироҳат мекунам. Солҳои тӯлонӣ дар паркҳои трамваю троллейбус кор кардам. Аз тарафи иттифоқи касабаи корхона маро ба сиҳатгоҳ мефиристанд, – мегӯяд дар рафти суҳбат Ҳакимаапа аз ноҳияи Учтепаи пойтахт.

– Солҳои охир фаъолияти шуъбаҳои ноҳиявию шаҳрӣ ва вилоятии иттифоқи касаба хеле назаррас аст. Ман дар поликлиникаи оилавии рақами 32-юми ноҳияи Чилонзор шифокор-гинеколог мебошам. Ходимоне, ки таҷрибаи зиёд доранд, дар корхона эътибор пайдо кардаанд, аз тарафи иттифоқи касаба рағбатнок карда мешаванд. Ба чунин гӯшаҳои зебо, обу ҳавояш тоза ва муолиҷаҳояш табъи дил равон карда мешаванд. Аз фурсат истифода бурда, аз номи истироҳаткунандагон ба ташкилоти мазкур ташаккур мегӯем. Шукри замонаамон, шукри осудагию оромиамон мекунем. Ғамхории ҳукумат аст, ки мо – куҳансолон бо хотири ҷамъу дили беғам зиндагӣ дорем, – мегӯяд Дилоромапа.

Дар Қонуни асосиамон низ таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун мақсади олӣ муайян карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 46-ум зикр мегардад:

«Ҳар кас дар ҳоли пирӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, бекорӣ, инчунин дар мавриди бесаробон мондан ва дар дигар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ мекунад, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоиро дорад. Миқдори нафақа, ёрдампулӣ ва дигар намуди таъминоти иҷтимоӣ дар асоси қонун ва хароҷоти муайяншудаи давлат таъин мегардад».

– Имрӯз дар ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт беш аз 20 ҳазор нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд. 700 нафар бошандагони хонаҳои пиронсолон мебошанд.

Дар давоми 11 моҳи соли ҷорӣ 263 нафақахӯр барои табобат ба муассисаҳои санаторию истироҳатӣ роҳхат гирифт. Дар моддаи 36-уми Конститутсия омадааст:

«Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳуқуқ доранд, ки бе монеа ба корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҷалб шаванд». Бо мақсади амалисозии қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 25 ноябри соли 2024 «Аз камбизоатӣ – ба фаровонӣ» барои ҷалби фаъоли нурониён чорабиниҳо роҳандозӣ гардид. Бахри иҷрои қарор барои 62 нафар пиронсол, ки таҷрибаи ҳаётии бештар доранд, аз ҳар як маҳалла 3 нафарро интихоб намуда, гурӯҳҳои 5-нафара ташкил кардем.

Ин гурӯҳҳо барои дастгирии оилаҳои камбизоат мусоидат намуда, дар ҳалли мушкилоти онҳо, омӯзиши шароити зиндагӣ ва омода кардани хулосаҳо фаъолона иштирок карданд.

Дар моҳҳои июл-сентябри соли ҷорӣ 600 оилаи камбизоат аз ҷониби гурӯҳи нурониён дастгирӣ ёфтанд: барои кӯдакони оилаҳои камбизоат либоси варзишӣ, барои 506 нафар лавозимоти дарсӣ (миз, курсӣ ва ғайра) ва барои 246 нафар воситаҳои таълимӣ дастрас карда шуд.

То имрӯз барои кам кардани камбизоатӣ бо ҷалби нурониён корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Ҳафтаи аввали моҳи октябр «Ҳафтаи пиронсолон» ва моҳи ноябр «Моҳи туризми пиронсолон» эълон шуда буд. Ҳар сол барои 750 нафар нуронии ноҳия саёҳатҳои дохиливу хориҷӣ ташкил мегарданд, – мегӯяд дар яке аз суҳбатҳо раиси шуъбаи фонди нуронихои ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд И. Худойқулов.

Қобили зикр аст, ки таҷрибаи зиёда аз ҳазорсолаи халқамон, саҳми бузург дар тамаддун ва мероси маънавии беназираш асоси пешрафти ҷомеаи демократӣ мебошад. Давлати мо, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар меҳвар қарор додааст, барои таъмин кардани адолат, шаъну шараф ва арзишҳои инсонӣ пайваста фаъолият бурда, ба халқ хидмат хоҳад кард.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Санъати тасвирӣ*

# ҶИЛОИ РАНГҲО ДАР САМАРҚАНД

Шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон фаъолияти хешро дар соли 2025 ҷамъбаст намуд, ки ба воқеаҳои гуногуни фарҳангӣ бой ва хотирнишон буд.

Раиси Иттифоқи рассомони ҷумҳурӣ Иброҳим Валихоҷаев дар маҷлиси ҳисоботӣ таъкид намуд, ки комёбиҳои мактаби санъати тасвирӣ, графика ва ҳайкалтарошии Самарқанд аз дигар минтақаҳои кишвари мо куллан фарқ мекунад, ки лоиқи таҳсину ситоиш аст.

– Ҳоло Самарқанд на танҳо ҳамчун макони сайёҳӣ, балки маркази санъати тасвирӣ, ки анъанаҳои қадим бо тасаввури ҳозира ҳамоҳанг аст, – гуфт Иброҳим Валихоҷаев, – ва аҳли эҷод дар соли ҷорӣ риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкориро бо ҳамкасбону ҳамдилони хориҷӣ мустаҳкам намуда, исбот кардаанд, ки соҳиби истеъдоду маҳорати баланд ҳастанд. Нури хуршед, табиати нотакрор барои рушди санъати тасвирӣ айни муддаост.

– Воқеан соли равон барои эҷодкорони мо ниҳоят пурсамар буд, – гуфт котиби ташкилоти мазкур Ю. Калонов,– танҳо соли равон бо иштироки шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомон дар минтақаи мо 33 анҷумани гуногун ба вуқӯъ пайваст, ки 672 нафар эҷодкорон бо 1753 асарҳои бадеӣ ширкат варзиданд. Рассоми соҳибтаҷриба Аҳмадҷон Исоев намоиши асарҳои худро бо номи «Қалб» ба ҳукми мухлисони бешумор гузошт. Намоиши амалиёти эҷодкори рангинхаёли самарқандӣ Сардор Нӯъмонов «Бозгашт» низ диққату эътибори хоса пайдо кард.

Нигораҳои рассомон Нуриддин Исоев, Хуршед Халилов, Муқаддама Ҳалимова, Озод Неъматов, Рамз Хоҷаев ва дигарон ҳам ниҳоят дар савияи баланд гузашт.

Инчунин як гурӯҳ ҳамкасбони мо аз Тоҷикистон, Британияи Кабир, Қазоқистон, Ҷопон ва дигар кишварҳои ҷаҳон дар Самарқанд асарҳои гуногуни хешро ба ҳукми мухлисони санъати тасвирӣ гузоштанд.

Дар чорабинӣ чанд нафар ба сухан баромада, доир ба бурду бохти рассомони Самарқанд фикру андешаи худро ошкор сохтаанд.

– Умедворӣ дорем, ки эҷодкорони Самарқанд анъанаҳои неки миллии хешро идома дода, дар соли оянда низ ба комёбиҳои нав ба нав соҳиб мешаванд, – ҷамъбаст намуд узви Академияи рассомони ҷумҳурӣ, соҳиби ордени «Дӯстлик» Аслиддин Исоев.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# «ЯК КУҲАНСОЛ БА ДАҲ ҶАВОН МАСЪУЛ»

***Дар «Маърифат маскани»-и шаҳри Намангон марҳилаи ҷумҳуриявии озмуне таҳти чунин шиор баргузор гардид.***




Дар чорабинӣ куҳансолони баргузида ва фаъол аз Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Иштирокдорон аз рӯйи 3 шарт қувваозмоӣ карданд. Дар натиҷа вакили вилояти Намангон, раиси гурӯҳи машваратии пирони ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Боғкӯча»-и ноҳияи Уйчӣ Саидахон Убайдуллоева ҷойи аввалро ба даст даровarда, бо диплом ва ҷоизаи пулӣ сарфароз гардид.

Ду ҷойи 2-юмро намояндагони шаҳри Тошканд ва се ҷойи 3-юмро вакилони вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ ишғол карданд.

Ғолибону ҷоизадорон ва фаъолони озмун бинобар 11 номина бо тӯҳфаҳо рағбатонок шуданд.

Рӯзи дуюм иштирокдорон ба ноҳияи Тӯрақӯрғон рафта, аз осорхонаи таърихии қурбониёни табъид, маҷмӯъаи Исҳоқхон Ибрат ва маскани бостоншиносии Ахсикент дидан карданд.

– Ба ин гӯшаи зебо чандин сол пеш омада будам, – мегӯяд иштирокдори озмун аз вилояти Сурхондарё Чорӣ Раҳимов. – Дигаргуниҳо ниҳоят бисёр. Кас ба ҳайрат меафтад. На фақат Намангон, ҳамчунин марказ ноҳияҳо низ ободу зеботар шудаанд. Дар ноҳияи Тӯрақӯрғон осорхонаи Исҳоқхон Ибрат ва осорхонаи қурбониёни табъидро, ки бо ташаббуси роҳбари давлатамон таъсис ёфтаанд, тамошо кардем. Воқеан, онҳо аз зиёратгоҳҳои беҳтарин ҳастанд. Дар ин ҷо зиёда аз 600 экспонат мавҷуд буда, дар бораи ҳаёту фаъолияти таърихшинос ва забоншинос, муаллим ва рассом Исҳоқхон Тӯра Ибрат нақл мекунанд.

– Дар бораи Ахсикент аз таърих хонда будам. Имрӯз дар ин ёдгории таърихӣ ҳамчун сайёҳ мушарраф шудам, – мегӯяд иштирокдори Қашқадарёӣ Шавкат Султонов. – Аз корҳои сохтмоние, ки дар ин ҷо амалӣ мешаванд, таассуроти хуб гирифтам. Дар ман хоҳиш пайдо шуд, ки бояд фаъолони маҳаллаҳо ва ҷавононро барои дидани ин ҷойҳои таърихӣ оварему бо ҳаёти гузаштагони худ ошно кунем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.